# Китоби Муқаддас барои кӯдакон

пешкаш мекунад

## Оғози ғами одамизод



Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Byron Unger; Lazarus
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: M. Maillot; Tammy S.

Тарҷумон: Christian Lingua

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2020 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё
чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.


ХУДО ҲАМА ЧИЗРО ОФАРИД! Вақте ки Худо инсони аввал, Одамро офарид, ӯ бо занаш, Ҳавво дар боғи Адан зиндагӣ мекард. Онҳо комилан ба Худо итоат карда, аз ҳузури Ӯ ҳаловат мебурданд, то рӯзе, ки ...



Мор ба Ҳаво савол дод: “Оё Худо ҳақиқатан гуфтааст, ки аз ҳеҷ дарахти боғ нахӯред?” “Мо аз ҳамааш хӯрда метавонем, ба ғайр аз якеаш”, - ҷавоб дод Ҳаво. “Агар мо аз меваи он хӯрем ё ба он даст расонем, мемурем”. “Шумо намемуред”, - писханд зада, гуфт мор.



“Шумо мисли Худо хоҳед шуд”. Дили Ҳавво ба меваи ин дарахт кашол шуд.  Вай ба гапи мор даромада, меваро хӯрд.

Ҳаво гапи Худоро гӯш накарда,
ба Одам низ меваро хӯрононд.
Одам бояд мегуфт, ки “не, ман
аз гапи Худо намебароям”.







Вақте ки
Одаму Ҳавво гуноҳ
карданд, бараҳна буданашонро
фаҳмиданд.  Онҳо аз баргҳои анҷир барои
худ пӯшидание дӯхта, худро пӯшонданд ва аз
ҳузури Худо дар байни дараххо пинҳон шуданд.

Дар салқинии рӯз Худо ба боғ омад. Ӯ аз кори кардаи Одаму Ҳавво бохабар буд. Одам Ҳавворо айбдор кард. Ҳавво морро айбдор кард. Худо гуфт: “Лаънат ба ту, мор. Зан, ту бо дард фарзанд мезоӣ”. “Эй Одам, азбаски гуноҳ кардӣ, замин таҳти лаънат монд ва акнун хору хас мерӯёнад ва ту арақи ҷабин рехта ризқу рӯзиатро ёфта мехӯрӣ”.





Худо Одаму Ҳавворо аз он боғи беҳтарин берун кард. Азбаски онҳо гуноҳ карданд, аз Худои ҳаётдиҳанда ҷудо шуданд!



Худо шамшерҳои оташинро гузошт, то ки онҳо дигар ба он боғ барнагарданд. Баъд барои Одаму Ҳавво либоси пӯстин сохта, онҳоро пӯшонид. Худо пӯстро аз куҷо гирифт?

Бо гузашти вақт Одаму Ҳавво фарзанддор шуданд. Писари аввалини онҳо Қоин боғбон буд. Писари дуюмашон Ҳобил чӯпон буд. Рӯзе Қоин ба Худо сабзавот барои қурбонӣ ҳадя овард. Ҳобил бошад яке аз беҳтарин гӯсфандони худро ба Худо қурбонӣ кард. Ба Худо қурбонии Ҳобил писанд омад.



Қурбонии Қоин бошад, ба Худо писанд наомад.  Қоин сахт ба ғазаб омад.  Аммо Худо гуфт: “Агар кори дуруст мекардӣ, оё қурбониатро қабул намекардам?”



Қоин аз ғазабаш нафароматад. Баъд аз андак вақт вай дар саҳро ба Ҳобил ҳамла карда, ӯро кушт!



Худо ба Қоин гуфт: - “Бародарат Ҳобил кучост?” “Намедонам”- дурӯғ гуфт Қоин, - “Оё ман посбони бародарам ҳастам?” Худо Қоинро ҷазо дода, қобилияти киштукор карданро аз ӯ гирифт ва ӯро оворагард сохт.



Қоин аз Худованд дур шуд. Вай духтари Одаму Ҳавворо ба занӣ гирифт ва онҳо фарзанддор шуданд. Ба зудӣ шаҳре, ки Қоин асосгузораш буд, пур аз наберaю насли Қоин шуд.



Бо баробари он, оилаи Одаму Ҳавво
низ зуд зиёд мешуд.  Умри инсон дар
он замон аз имрӯза дида дарозтар буд.



Вақте ки Ҳаво Шет писарашро ба дунё овард, гуфт: “Худо дар ивази Ҳобил ба ман Шетро дод”. Шет марди худотарс буд, ки 912 сол умр дида, соҳиби фарзандони бисёр шуда буд.




Одамон торафт бадтару бадтар мешуданд, як насл аз насли дигар бадтар. Ниҳоят Худо қарор кард, ки одамизодро нест мекунад. инчунин тамоми ҳайвонот ва паррандагонро низ нест мекунад. Худо пушаймон буд, ки одамизодро офарид.
Аммо як кас ба Худо писанд омад ...

Ин кас Нӯҳ, аз насли Шет буд. Вай накӯкор ва беайб буд. Ӯ бо Худо муносибат дошт. Ӯ ҳамчунин се писарашро таълим медод, ки ба Худо итоат кунанд. Худо Нӯҳро барои кори хеле аҷоиб ва махсус истифода бурдан хост!



Оғози ғами одамизод

Ҳикоя аз Каломи Худо, дар Китоби Муқаддас

Ҳастӣ 3-6 ҷойгир шудааст

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад.” Забур 119:130

# Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба дохили ту омада дар ту зиндагӣ мекунад ва ту бо Ӯ то абад зиндагӣ мекунӣ.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16